УДК-7А6.1 (575)
ББК-75.81 (5Т)

# МОДЕЛИРОНИИ РУШДИ МАҶМАЪАИ САЙЁҲӢ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Сабуров Ихтиёр Муҳидинович*** - *муаллими кафедраи барномарезии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

# МОДЕЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОГО КОМПЛЕКСА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Сабуров Ихтиёр Мухидинович*** - *преподаватель кафедры программирования ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова», (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

# MODELING THE DEVELOPMENT OF THE TOURIST COMPLEX OF THE SUGHD REGION

***Saburov Ikhtiyor Muhidinovich*** - *Teacher at the Department of Programming, State Educational Institution “Khujand State University” named after academician B. Gafurov, (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

***Калид вожаҳо:*** *рушди сайёҳӣ, моделиронӣ, танзим, сармоягузории мустақим, инкишофи рақобат, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, афзалиятноки.*

*Дар мақолаи мазкур модел бо назардошти ҳолати кунунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Суғд коркардшудаи рушди сайёҳӣ, ки барои амалисозии пешниҳоди самти рушди сайёҳӣ, гуногунии сармоягузорӣ, асосноксозии иқтисодии пайдарпаии сохтмони иншоотҳо мувофиқи воридоти манбаъҳои маблағгузорӣ ва намудҳои гуногуни сармоягузорӣ мусоидат менамояд, баррасӣ карда шудааст. Ҳамчунин, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ, мақсаду вазифаи инкишофи ин соҳа дар заминаи корбурди роҳу усулҳои наву замонавии пешрафти соҳа бо назардошти таҷриба ва тараққиёти ҷомеаи имрӯза бо дар назаргирии муҳити иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии кишвар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки барои омӯзиши ҳарчи бештари мавзӯи мазкур мусоидат менамояд. Натиҷаи таҳқиқ дар ин мақола бозгӯи он аст, ки пардохти ҳисобкардашуда бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ ва захираҳои дигари сайёҳӣ пурра ба буҷети маҳаллӣ ё минтақавӣ ворид гардиданаш зарур мебошад. Моделҳои риёзӣ дар татбиқи муайян намудани самтҳои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои фарохи таҳқиқотиро фароҳам меоваранд ва барои инъикоси дурусти равандҳо кӯмак мекунанд. Истифодаи модели риёзӣ-иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар беҳтаргардонии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ айни замон бештар ба сармоягузорӣ ниёз дошта, дар раванди идора намудани самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ давлат нақши муҳимро мебозад.*

***Ключевые слова:*** *развитие туризма, регулирование, моделирование, прямые инвестиция, развитие конкуренции, социально-экономические факторы, приоритет.*

*В данной статье рассматривается разрабатываемая с учетом нынешнего состояния развития туриндустрии в Согдийской области - модель развития туризма, состояние туристических ресурсов, видов деятельности и туристических рынков с учетом социально-экономических факторов. Целями и задачами развития государственного туризма должны стать приоритеты государственной политики развития туризма такие как платежи за использование природных и других туристических ресурсов, рассчитанные с учетом местных особенностей, полностью перечисляющиеся в местный или региональный бюджет. Математические модели предоставляют широкий спектр исследовательских возможностей и помогают точно отразить тенденции реализации направлений устойчивого развития туристической отрасли. Использование предложенной математико-экономической модели и алгоритма ее реализации в совершенствовании развития туристического комплекса Согдийской области показывает, что туристическая сфера в настоящее время нуждается в большом объеме инвестиций, а государство играет важную роль в управлении приоритетами туризма.*

***Key words:*** *tourism development, modeling, regulation,direct investment,development of competition,socio-economic factors,a priority.*

*This article examines the existing model of tourism development, the state of tourism resources, types of activities and tourism markets, taking into account socio-economic factors, goals and objectives of the development of state tourism, should become the next priorities of the state policy of tourism development, payments for the use of natural and other tourism resources, calculated taking into account local peculiarities, are fully transferred to the local or regional budget. Mathematical models provide a wide range of research opportunities for the identification of areas for sustainable development of the tourism industry and help to accurately reflect the processes. The use of the proposed mathematical and economic model and the algorithm for its implementation in improving the development of the tourist complex of Sughd region shows that the tourism sector currently needs more investment, and the state plays an important role in managing the priorities of tourism.*

Дар замони муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои босамари иқтисодӣ ва даромадноки ҷаҳон ба шумор рафта, аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу зиндагии аҳолӣ, рушди иҷтимоию фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Илова бар ин, он ҳамчун воситаи муосири ҳавасмандгардонии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки нисбат ба масъалаҳояш дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ аҳамият дода шавад. Аз ин рӯ, масъалаҳои тадқиқи суръат ва самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо, таъмини асосноккунии илмию методии иқтисодиёти он дар шароити норасоии захираҳои сармоягузориҳо аҳамияти хоса пайдо менамояд. Дар асоси амсилаҳои (моделҳои) дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ натиҷаи боэътимоди миқдории беҳтаргардонии рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ва ҷойгоҳи сайёҳии рақобатнок, инчунин стратегияҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ, бо назардошти арзиши хароҷотҳо барои ҳифзи захираҳои табиӣ аз фаолияти сайёҳӣ ба даст оварда мешавад. Дар самти санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ бояд зикр намоем, ки аз ҷониби давлату ҳукумат санадҳое ба тасвиб расидаанд, ки раванди рушди соҳаи сайёҳиро таъмин менамоянд [ниг. масалан 7;11 ]. Ҳадафи иқдомҳои пайдарпайи давлату ҳукумат пеш аз ҳама рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии муносиби имкониятҳои сайёҳии кишвар ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ ва мусоидат ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошад. Барои ба ин мақсад ноил гардидан то соли 2021 як катор чорабиниҳо ва ташаббусҳо гузаронида шуда буданд, ки яке аз ташаббуси ба ин раванд такони ҷиддӣ башида ин аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон намудани солҳои 2019 –2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба ҳисоб меравад.

Роҷеъ ба таҳқиқи масъалаҳои макро ва микроиктисодии ташкил ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва сохтори рекреатсионӣ олимони ватанию хориҷӣ А.Ю. Александров, Б. Боголюбов, А.А.Бойматов., Е.С. Богомолов, Х. Грин, Ҷӯрабоев, Г., А. Дурович, И.В. Зорин, А.А.Мадаминов., Ф.Котлер, Н.И. Кабушкип, А.И. Балабанов, М. Ефремов, Н. Даниленко, А.Т. Кириллов, Г.Тапирян, К.Кулер, Ф.С. Комилов, Л.Х.Саидмуродов, С.Сенин, О.Байдики, Р.Гранде, П.Деффер, Г. Харрис, М. Синклер, М. Стаблер, С. Хантер, А. Чудновекий ва дигарон машғул гардида, дар мақолаву рисолаҳои худ муҳимтарин масъалаҳоро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд.

Бо вуҷуди ин, рӯи кор омадани мақолаву рисолаҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ масъалаҳои моделронии рушди сайёҳӣ, таҳлил ва пешгӯии он ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, барои ташаккул ва рушди низомҳои идоракунии тиҷорати сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии сифати молу хизматрасонӣ дар бозори сайёҳӣ коркарди моделҳои амалан татбиқшаванда ба таври систематикӣ имрӯз зарурияти хоса доранд.

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки моделҳои иқтисодӣ ва математикии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, равиш ва усулҳои дар ҳалли масъалаҳои рушди маҷмӯи сайёҳӣ ҷойдоштаро ҳамчун системаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили усулҳои оптималигардонии рушди соҳаи сайёҳии минтақавӣ, коркарди модели динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ барои баҳодиҳӣ, ҳисоб, муқоиса ва интихоби намудҳои оптималиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор диҳем.

Дар масъалаи шинохти вожаи сайёҳӣ байни олимони ватаниву хориҷӣ баҳсҳое мавҷуданд. Маънои ибтидоии истилоҳи туризм дар кишварҳои ғарб “tourisme, ё tour” аз забони фаронсавӣ мебошад, яъне – сайр, сафар, фароғат дар вақти сайёҳат аст. Дар забони тоҷикӣ дар баробари истилоҳи туризм калимаи сайёҳӣ ба кор меравад, ки аз решаи арабии ***соҳа / сиёҳа*** ба маънои ***сафар кардан*** гирифта шудааст. [2, С.198. ] Вожаи “сайёҳ” маънои саёҳаткунанда, сафаркунандаро дорад ва мутаносибан калимаи “сайёҳӣ” раванди сафарро ифода мекунад.

Рушди сайёҳӣ дар кишвар, ба моделронии комплекси мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои вазъи кунунии макроиқтисод ҳамчун муҳити фаъолият, ба таҳия ва коркарди иттилоот талаботи хоса дорад. Ташкил ва гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи таснифотҳои ҳолати ибтидоии объект ҳангоми ҳалли масъалаи кор карда баромадан, баҳо додан ва интихоби роҳ аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар доираи таҳлил ва муайян намудани иқтидори объектҳои мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, имкониятҳои максималии онҳо ва арзёбии имкониятҳои маблағгузорӣ дар мӯҳлатҳо, иштироки сармоя, пешгӯии сатҳи кафолатноки маблағгузорӣ хеле муҳим аст. Рушди дурнамои сайёҳӣ ба баҳодиҳии минбаъдаи иқтидори табиӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва демографӣ вобастагӣ дорад. Агар маълумоти соҳа вобаста ба намудҳои сайёҳӣ, вақт ва шаклҳои моликият омӯхта ва арзёбӣ карда шавад, дар натиҷа нақши соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёт муайян карда мешавад (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд

| *Солҳо* | *Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, воҳид* | *Теъдоди сокинони вилоят, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар* | *Теъдоди туристони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба вилоят ворид шуданд, нафар* | *Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои туристӣ (бе назардошти андоз ва арзиши изофа), ҳаз.сомонӣ* |
|---|---|---|---|---|
| 2014 | 19 | 12213 | 1400 | 157,2 |
| 2015 | 20 | 6330 | 1205 | 1532,1 |
| 2016 | 26 | 3492 | 1526 | 2151,1 |
| 2017 | 26 | 3753 | 2071 | 2619,3 |
| 2018 | 26 | 1318 | 3494 | 4714,6 |
| 2019 | 38 | 1452 | 4250 | 6639,1 |
| 2020 | 38 | 165 | 21 | 243 |
| 2021 | 40 | 266 | 444 | 790,2 |

*Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.*

Дар ин самт, системаи мустақили иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани сарҳади соҳаи сайёҳӣ зарурияти хос пайдо мекунад. Барои рушди фаъолияти сайёҳӣ он ҳамчун нишондиҳандаи иқтидори табиӣ ва инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар моделиронии объектҳои саёҳии баррасишаванда ҳамаи объектҳои саёҳӣ ба гурӯҳи объектҳои сохтмони нав ва гурӯҳи объектҳои аз нав сохташаванда ҷудо карда мешавад. Барои муайян намудани ҷанбаҳои мавзӯи мазкур дар ҷараёни моделиронии рушди маҷмаъаи сайёҳӣ силсилаи ҳисоббарориҳо гузаронида шуд. Масъалаи марҳилаи аввали сохтмони нав ва таҷдиди силсилаи ҳисоббаробарии якум фарогири объектҳое, чун Маҷмаъаи фароғатии "Баҳористон" ва дигар объектҳои дар ҷадвали 1 оварда шуда ба ҳисоб мераванд. Дигар сохтмонҳо ва азнавсозии лоиҳавии иҷронашудаи рушди сайёҳӣ супориши марҳилаи 2 мешавад. Зеро тақсимот низ ба хурд намудани андозаи марҳилаи 2 расонид. Ҳамин тавр, объектҳои дар марҳилаи аввал беҳтаргардонида амалӣ мешаванд ва дар марҳилаи дуюм пурра ба итмом мерасанд.

Дар вилояти Суғд беш аз 50 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, мизоҷон метавонанд маҷмӯи турҳои (сайрҳо) онҳоро истифода намоянд. Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии сайёҳӣ дар Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти самараноки субъектони соҳаро инъикос менамояд (ҷадвали 2).

Дар навбати худ, моделсозии математикӣ имконияти инъикоси равандҳои воқеъиро фароҳам меоварад ва мақсади пешкаш намудани консепсияи рушди устувор дар намуди риёзиро дошта, барои ҳалли мушкилоти рушди устувори сайёҳӣ татбиқ ва коркарди усулҳо ва моделҳои риёзӣ зарур мебошанд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд

| *Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ* | |
|---|---|
| Гардиши молиявии умумӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (туристӣ) *(сомонӣ)* | 790216 |
| Ҳамагӣ | 327305 |
| - аз ҳисоби туризми воридотӣ | 332101 |
| -аз ҳисоби туризми содиротӣ | 275060 |
| -аз ҳисоби туризми дохилӣ | 43064 |
| -мағозаи комиссионӣ | 21980 |
| Дигар ҳисоб | 118011 |
| Раводиди шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ | 645 |
| Таъмини меҳмонхона дар дохили кишвар | 47714 |
| Таъмини меҳмонхона дар хориҷи кишвар | 77405 |
| -аз ҳисоби пешниход намудани чиптаи ҳавопаймоӣ | 8258 |
| -аз ҳисоби хизматрасонӣ хуроки умуми | 116983 |
| -ташкили нақлиёт | 112850 |
| -чиптаи осорхонаҳо | 665 |
| -мағозаи комиссионӣ | 21980 |
| -тест пср | 39570 |
| -роҳбаладӣ | 10850 |
| -турпакет | 190440 |
| -мастер клас | 800 |
| -ҷои хоб дар базаҳои сайёҳӣ | 75211 |
| -аз ҳисоби дигар намуди хизматрасонӣ | 86845 |
| Пардохти умумӣ ба буҷет аз рӯи тамоми намуди андозҳо- (сомонӣ) | 69714,4 |
| Шумораи кормандон | 29 |

Маълум аст, ки ҳар як категорияи сайёҳӣ (масалан, категорияи $(k = \overline{I,K})$ $M_k$ турҳои муфассалро дар бар мегирад, ки ба миқдори турҳои даври $i_k$ ба $U_{ik,}$ $i_{k=}$ $\overline{I,M_k}$ баробар аст. Фоидаи тавозунӣ барои як роҳхати сайёҳии $i_k$- тур, барои $b_{ik}$ рӯз ҳисоб карда мешавад $C_{ik}$ (сомонӣ). Дар ин ҳолат, метавонем нишондиҳандаи фоидаи як нафар/рӯзро, ки дар амсила қабул шудааст, чунин ҳисоб менамоем:

$$\overline{c_k} = \frac{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} C_{ik}}{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} b_{ik}}, k = \overline{1,K} \quad (1)$$

Дар ин ҳолат метавонем фоидаи умумии як намуди сайёҳиро дар модели марҳилавӣ тавассути тағирёбандаи ҷамъшудаи $Z_k$ ифода намоем. Қимати ададии тағйирёбандаи $z_k^i$ - и дар натиҷаи беҳтаргардонӣ дарёфтшуда чунин маълумот медиҳад: $z_k^i$ шахс /рузҳои хизматрасонии сайёҳии самти категорияи к-ро дар марҳилаи 1-уми инкишофи маҷмаъаи сайёҳӣ ба амал овардан лозим аст, ки дар навбати худ фоидаи тавозуниро ба маблағи зерин таъмин менамояд.

$$\overline{c_k} z_k^i = \frac{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} C_{ik}}{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} b_{ik}} z_k^i, k = \overline{1,K}. \quad (2)$$

Ё бо ибораи дигар, барои тартиб додани нақшаи беҳтарини инкишофи хизматрасонии сайёҳӣ $z_k^i$ миқдори роҳхатҳоро барои ҳар давр пешбинӣ кардан лозим аст, ки ин баробари $U_k^i$ буда, $U_k^i = \boldsymbol{\lambda_k} U_{ik}$ мебошад.

Дар ин ҷо $\lambda_k = \dfrac{Z_k^i}{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} b_{ik}}$ - коэффитсиенти самти $K$ – уми рушди сайёҳӣ, $U_{ik}$ - ҳаҷми воқеии хизматрасонии тури $i_k$ – мебошад.

Самтҳо ва суръати рушди сайёҳӣ тибқи натиҷаи беҳтаргардонӣ дар ду марҳила дар ҷадвали 3 оварда шуда аст.

Ҷадвали 3. Марҳилаҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ

| *Намуд ва категорияҳои хизматрасонии комплексӣ* | *Миқдори хизматҳо дар мавсим, нафар/руз* | |
|---|---|---|
| | *Дар марҳилаи1* | *Дар марҳилаи 2* |
| Маҷмааи сайёҳии: | | |
| 1.Категорияи миёнаи хизматрасонӣ | 8320 | 15130 |
| 2. Категорияи баланди хизматрасонӣ | 4700 | 7980 |
| Маҷмааи сайёҳии: | 5960 | 12080 |
| Туризми ғайримуташаккил: | 2500 | 5640 |

*Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.*

Маҷмӯи нишондиҳандаҳои дар натиҷаи беҳтаргардонии ҳосилшуда аз ҷиҳати захиравӣ ва баргардонидани хароҷотҳои яквақта аз ҳисоби фоидаи соф таъминшуда асоснок шудааст. Дар амсила, ба ғайр аз манбаъҳои маблағгузорӣ, барои сармоягузорӣ ба рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд, боз як манбаи пасандози худӣ аз фоидаи софи дар маҷмааи сайёҳӣ гирифташуда ба таври илова ба назар гирифта шудааст. Фоидаи софи дар марҳилаи аввал ба даст овардаи маҷмааи сайёҳӣ чун маблағгузории марҳилаи дуюм ба шумор меравад ва ба он равона шуда аст.

Меъёри қабулшуда бори аввал дар [8] пешниҳод асоснок карда шуда буд, ки он нишондиҳандаи баргардонидани мутлақи аз меъёр боло (БММБ) номида мешавад. Мувофики амсила коэффитсиенти ҳисоб кардани БММБ дар вазифаи ҳар як марҳила баробар ба $\eta_1 = a_1\beta$, мебошад, ки дар ин ҷо $\alpha_1 = \frac{1}{(1+r)^{S_r/2}}$ аст.

Ҳисоби зерини коэффитсиенти ба фоидаи стандартӣ расонидани сармоягузорӣ дар лаҳзаи аввали татбиқи он гузаронида шуд. Барои мавзӯъ ва масъалаи илмии мо, давомнокии марҳилаи 1-ум 3 сол аст: $S_r$=3. Мувофиқан фоизи дахлдори солонаи бонкӣ 14%: $r$ = 0,15. Пас $a_1$ = 1/(1.15)$^1$≈0.87. Дар марҳилаи 2-юм, фоизи солонаи бонкро саҳеҳ пешгӯӣ намудан мушкил аст, аз ин сабаб қимати $r$=0,15 шуда аст. Танҳо бо назардошти давомнокии марҳилаи дуюм, ки ду сол мебошад $a_2$ = 1/1,17≈0,87.

Аз ин рӯ мо қиммати коэффисиенти стандартии бозгашт
β = 0,15, $\eta_1$= 0.87*15≈0.13, $\eta_2$ = 0,87*0,15≈0,13.- аст, ба даст меорем.

Ин коэффитсиентҳо ба вазифаи мақсадноки масъала ба тағйирёбандаҳое ки инъикоскунандаи маҷмӯи маблағгузорӣ ба сохтмони нав ва азнавсозӣ, ки дар байни объектҳо тақсим карда шудаанд, дохил карда мешаванд. Чунин маблағгузорӣ нисбат ба оғози ҳар як марҳила оварда шудааст. Фоидаи софи меъёрӣ, ки бояд ин сармоягузориро дар давраи меъёрӣ ҷуброн кунад ба 1/0,15≈6,7 сол баробар аст ва фоидаи тахминии марҳилаи 1 мутаносибан баробар мебошад ба:

$$R_1 = 0{,}069 * \sum_{i-1}^{N} Q_1^i \quad (3)$$

$$R_2 = 3 * \sum_{k=1}^{K} \overline{C_k} x_k \quad (4)$$

Бо истифода аз формулаи (3) барои маҷмӯаҳои баррасишаванда категорияҳо ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ меъёри фоидаи соф $\overline{C_k}$ муайян карда шуд. Асоси ҳисобҳоро арзёбии арзиши роҳхатҳои сайёҳӣ ва натиҷаи коркарди намудҳои турҳо аз тарафи туроператорҳо ташкил дод. Марҳилаи дигари таҳқиқот аз масъалаҳои зерин иборат мебошад:

- хориҷ намудании тағйирёбандаҳо ва маҳдудиятҳои дахлдори объектҳое, ки дар марҳилаи пешина сохта ба истифода дода шудаанд.

-объектҳои азнавсозӣ, ки ҳаҷми корашон дар марҳилаи баррасигардида ба охир расидаанд, аз марҳилаи оянда хориҷ карда мешаванд;

- тағйирёбандаҳо ва маҳдудиятҳои фондҳои сармоягузорӣ аз пасандозҳои худӣ барои сармоягузорӣ дохил карда шуда, онҳо дар асоси ҳалли масъалаи марҳилаи якум ҳисоб карда мешаванд ва ҷамъи ин маблағҳо аз тарафи рости маҳдудияти масъалаи дуюм гузошта мешавад.

Дар натиҷа, ҳаҷми андозаи марҳилаи дуюм бо назардошти чунин дигаргунсозиҳо нисбат ба марҳилаи якум камтар мегардад. Объектҳое, ки сохтмон ва таҷдиди онҳо дар марҳилаи аввал қисман амалӣ карда шуданд, дар марҳилаи минбаъда мувофиқи ҳалли оптималӣ, пурра ба анҷом расонида мешаванд. Лоиҳаҳои дигари амалинашудаи сохтмон ё таҷдид ва инчунин варианти рушди инфрасохтори сайёҳӣ чун вазифаҳои марҳилаи навбатӣ ба шумор мераванд. Ҳамин тавр, аз андозаи масъала, аз ҳисоби истисно намудани объектҳои амалишуда кам карда мешавад.

Пешниҳоди самти рушди сайёҳӣ, гуногунии сармоягузорӣ, пайдарпаии сохтмони иншоотҳо мувофиқи воридоти манбаъҳои маблағгузорӣ ва намудҳои гуногуни сармоягузориро асосноксозии иқтисодии модели пешниҳоднамудаи мо амалӣ менамояд. Ҳавасмандгардонии рушди инфрасохторҳоро дар Тоҷикистон ва коркарди стратегияҳои ҷалби сармояро барои ташаккули бозори муосири сайёҳӣ низ амсилаи мазкур имконпазир менамояд.

Ҳамин тариқ, татбиқи модели беҳтаргардонии маҷмааи сайёҳӣ ва алгоритми пешниҳодшудаи он дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шуд. Маълумоти ибтидоӣ дар асоси маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда ва таҳлил карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ вазифаи давлат дар танзими хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ табиати духела дорад. Ҳавасмандгардонии муносибатҳои бозорӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ оварда мерасонад, дар соҳаи сайёҳӣ баланд бардоштани самаранокии иқтисодиётро талаб менамояд. Маълум аст, ки бозор дар алоҳидагӣ аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоию экологӣ баромада наметавонад. Дар ин ҳолат танзими муносибатҳои бозорӣ дар ин соҳа аз ҷониби давлат муҳим мебошад.

Дар маҷмӯъ, таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ ва зиёд намудани самаранокии фаолияти маҷмӯи сайёҳӣ ба танзими давлатии соҳа равона шудааст. Аз фаъолияти сайёҳӣ натиҷаҳои боэътимоди миқдорӣ, бо назардошти арзиши нисбии хароҷоти ҳифзи захираҳои табиӣ ва манфиатҳои давлатӣ ва хусусӣ дар доираи моделҳои дақиқи иқтисодию риёзӣ оид ба беҳтаргардонии рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ба даст овардан мумкин аст. Истифодаи модели риёзӣ-иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар беҳтаргардонии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ айни замон бештар ба сармоягузорӣ ниёз дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди сайёҳӣ, бо ба даст овардани самараҳои иҷтимоӣ ва ба ин монанд алоқаманд аст.

## АДАБИЁТ


1. Белоусов К.Ю. Современный этап эволюции концепции устойчивого развития и формирование парадигмы корпоративной устойчивости / К.Ю. Белоусов // Проблемы современной экономики. - СПб., 2013. -№1(45). – С.47-50.
2. Большой арабско-русский и русско-арабский словарь // Составитель Юшманов А.С. – М.: Дом славянской книги, 2011. – 958 с.
3. Голованов В.П. Социокультурный аспект развития туризма в России / В.П. Голованов // Научный Вестник Московского государственного института физической культуры, спорта и туризма им. Ю.А. Сенкевича. –М., 2010. -№4. -С.16-22. Гуляев В.Г., Селиванов И.А. Туризм: экономика, управление, устойчивое развитие Учебник / В.Г. Гуляев, И.А. Селиванов. -М.: Советский спорт, 2008. -280 с.
4. Кадиров А.Л. Точность прогнозирования методом k-- ближайших соседей // Материалы 8-ой международной научно-технической конференциии “Информационные системы и тенологии ИСТ-2019”, с. 293-297.
5. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Оптималигардонии рушди сайёҳӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт” (28 марти соли 2020), Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. – Душанбе, 2020. - С. 187-191.
6. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Постановка задачи оптимизации развитие туризма // Ученые записки. Естественные и экономические науки Худжандского Государственного Университета им. академика Б. Гафурова. – Худжанд, 2020. -№2 (53). - С. 54-62.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ. - ш. Душанбе, 7 августи соли 2020, № 1717
8. Лемешев М.Я., Щербина О.А. Оптимизация рекреационной леятельности. - М.: “ЭКОНОМИКА”, 1986. – 160 с.
9. Максарова Е.М. Основные направления реализации принципов устойчивого развития в туризме / Е.М. Максарова // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. - 2008. - №85. - С.345-350.

10. Пономарева И.Ю. Устойчивое развитие туризма и его влияние на социальные процессы / И.Ю. Пономарева, А.С. Малафий // Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2010. -№1. -С.209-215.
11. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, №372,
12. Ходиев Д.А., Хофизов Х.А., Табаров О.С. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2018. - № 6 Часть II. - С.30-36.
13. Хофизов Х.А. Основные подходы к обеспечению инвестиционной привлекательности региона в современных условиях //Аудит и финансовый анализ. - М.: «ДСМ-ПРЕСС», 2017. - № 5-6. - С.341-346.
14. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 2. - С.44-53.
15. Шимов О.С. Устойчивый туризм. учеб-пособие / О.С. Шимов // МИНСК. РИПО. - 2014. - 158 С.

LITERATURE

1. Belousov K.Yu. The modern stage of the evolution of the concept of sustainable development and the formation of the paradigm of corporate sustainability / K.Yu. Belousov // Problems of modern economics. - St. Petersburg, 2013. - No. 1 (45). – P.47-50.
2. Large Arabic-Russian and Russian-Arabic Dictionary // Compiled by Yushmanov A.S. - M .: House of Slavic Books, 2011. - 958 p.
3. Golovanov V.P. Sociocultural aspect of tourism development in Russia / V.P. Golovanov // Scientific Bulletin of the Moscow State Institute of Physical Culture, Sports and Tourism. Yu.A. Senkevich. -M., 2010. - No. 4. - P.16-22. Gulyaev V.G., Selivanov I.A. Tourism: economics, management, sustainable development Textbook / V.G. Gulyaev, I.A. Selivanov. -M.: Soviet sport, 2008. -280 p.
4. Kadirov A.L. Forecasting accuracy by the k-- nearest neighbors method // Proceedings of the 8th International Scientific and Technical Conference “Information Systems and Technology IST-2019”, 293-297.
5. Kadyrov A.L. Saburov I.M. Optimaligardonii rushdi saiёhi // Mavodi conferencesiyai ҷumҳuriyavii ilmi-amalia “Bakhisobgirii muhosibi, tahlil va audit dar sharoiti ҷakhonishavii iқtisodiyot” (March 28 sol 2020), Donishkadai saёҳi, sokhizma va - Dushanbe, 2020. - P. 187-191.
6. Kadyrov A.L. Saburov I.M. Statement of the problem of optimization of tourism development // Uchenye zapiski. Natural and economic sciences of Khujand State University. Academician B. Gafurov. - Khujand, 2020. - No. 2 (53). - P. 54-62.
7. Konuni Ҷumҳurii Tojikiston dar borai sayohi. - sh. Dushanbe, August 7 salt 2020, No. 1717
8. Lemeshev M.Ya., Shcherbina O.A. Recreational activity optimization. - M.: "ECONOMY", 1986. - 160 p.
9. Maksarova E.M. The main directions of the implementation of the principles of sustainable development in tourism / E.M. Maksarov // Proceedings of the Russian State Pedagogical University. A.I. Herzen. - 2008. - No. 85. - P.345-350.
10. Ponomareva I.Yu. Sustainable development of tourism and its impact on social processes / I.Yu. Ponomareva, A.S. Malafiy // Proceedings of the Tula State University. Humanitarian sciences. - 2010. -№1. -P.209-215.
11. Strategy and rushdi sayohi dar Tojikiston baroi davrai to salt 2030 az August 1 salt 2018, No. 372,
12. Khodiev D.A., Khofizov Kh.A., Tabarov O.S. Modeling and forecasting of attracting investments for the development of the natural resource potential of the region // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - Dushanbe: "SINO", 2018. - No. 6 Part II. - P.30-36.
13. Khofizov Kh.A. The main approaches to ensuring the investment attractiveness of the region in modern conditions //Audit and financial analysis. - M.: "DSM-PRESS", 2017. - No. 5-6. - P.341-346.
14. Khofizov H.A. Econometric analysis of factors affecting the attraction of foreign direct investment // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - Dushanbe, 2021. - No. 2. - P.44-53.
15. Shimov O.S. sustainable tourism. study guide / O.S. Shimov // MINSK. RIPO. - 2014. - 158 p.